# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

*аз “09” 01 соли 2024 ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарипов Б.М. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С. - аъзои комиссия; номзади илмҳои иқтисодӣ Убайдуллоев Ф.К. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳадов Исматилло Қаюмович хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Аҳадов Исматилло Қаюмович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Аҳадов Исматилло Қаюмович 5-уми декабри соли 1987 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2010 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст.

Аз соли 2012 то соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон буд. Сипас бо фармоиши №68/и-“а” аз 12.06.2018 Аҳадов Исматилло Қаюмович бинобар сабаби зарурияти истеҳсолӣ, мувофиқ набудани кафедра ба ихтисоси базавӣ ва мавзуи диссертатсия, номбурда минбаъд ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи фаъолияти бонкӣ вобаста карда шудааст. Солҳои 2010-2012 ҳамчун ассистенти кафедраи молия ва андози Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ва солҳои 2012-2013 ассистенти кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз моҳи феврали солҳои 2013-2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва 2018-2022 ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2022 ҳамчун муаллими калони кафедраи номбурда буда, то ҳол ба донишҷӯён таълими илм медиҳад.

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи рисолаи илмии

Аҳадов Исматилло Қаюмович «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28-уми сентябри соли соли 2018, суратҷаласаи №2/4.13 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ– д.и.и., ректори Донишгоҳи давлатии Данғара.

Дар асоси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст. Имтиҳонҳо аз фаннҳои таърих ва фалсафаи илм - 4 (хуб), забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқикоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

*II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқикот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шипосномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иктисод саҳм хоҳанд гузошт.

*III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Мукаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 17 кори илмӣ, аз он ҷумла 6 макола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

*IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

*V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”,, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Умаров Хоҷамаҳмад – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Бобоев Нозимҷон Мансурович – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва андози Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарипов Б.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҳикматов У.С.

номзади илмҳои иқтисодӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ Убайдуллоев Ф.К.